*Ба Шурои диссертатсионии 6D.K0A - 017 назди Институти иктисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734024, ш. Душанбе, кучаи Айни 44) E-mail: boboev.komil@list.ru*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Холиқзода Аҳлиддин Юлдош дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D050700- Менеҷмент (6D050704-ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) ба ҳимоя пешниҳод карда шуда.**

## 1. Мубрамияти мавзуи таҳқиқшаванда.

Дар шароити рушди инноватсионӣ ва рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ масъалаҳои таъмини ҳифзи иҷтимоӣ мавқеи хосаро дорад ва робита ба ин аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои назаррас ба сомон расонида шудааст, ки барои беҳдошти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ нақши ҳалкунандаро бозидаанд. Қобили қайд аст, ки дар ҳалли мушкилоти номбурда, махсусан, такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ нақши калидӣ дорад. Ҳамзамон қобили қайд аст, ки новобаста аз тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат дар самти баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ ва ҳифзи гурӯҳҳои осебпазир ба вазъи иҷтимоии аҳолӣ таъсир расонид.

Дар баробари ин новобаста аз дастовардҳои назаррас имрӯз даромади баъзе табақаҳои иҷтимоии осебпазир аз сатҳи ҳадди ақали сабади истеъмолӣ нокифоя аст ва зарурати аз нав дида баромадани низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоиро дар мамлакат дар асоси таҷрибаи пешрафта ва принсипҳои замонавии татбиқи сиёсати иҷтимоӣ тақозо менамояд.

Механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ қисми ҷудонашавандаи сиёсати иҷтимоии давлат ба шумор рафта, самаранокии тадбирҳои тарҳрезишуда дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ҳамчун омили муҳими муайянкунандаи имкониятҳои молиявии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ баромад хоҳад намуд. Аз ин рӯ, рушди минбаъдаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бе ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, ташаккули низоми комилан муътадили тақсимоти даромадҳо, таъмини адолатнокии иҷтимоӣ тасаввур намудан имконнопазир аст. Такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ имконият медиҳад, ки хароҷотҳои

иҷтимоӣ паст карда шуда, мутобиқшавии пурраи табақаҳои осебпазири аҳолӣ ба шароитҳои нави муносибатҳои хоҷагидорӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ беҳтар ба роҳ монда шавад. Аз ин хотир, бо эътимоди комил қайд карда метавонем, ки масъалаи омӯзиши дақиқ ва таҳқиқи илмӣ бо мақсади бартараф намудани монеаҳои дар роҳи таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҷалби дар мамлакат муҳиммияти рӯзмарраро ба худ касб намудааст. Мавзуи кори диссертатсиониро муҳим, мубрам ва дорои аҳаммияти илмиву амалӣ номидан мумкин аст.

**2. Дараҷаи асоснок ва саҳеҳ будани натиҷаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.**

Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда муаллиф омӯзиши таҳавулоти назарияи идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ ва такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намудааст. Ҳалли он имкон додааст, ки натиҷаҳои судманди илмӣ дар самти такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ ва коркарди пешниҳодҳои илмию амалӣ дар ҷодаи асоснок кардани роҳу равиши такмили идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоӣ истифода бурда шаванд.

Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия илман асоснок буда, мазмун ва моҳияти онҳо пурра аз таҳқиқ, таҳлил ва арзёбии масоили дар матни диссертатсия баррасишуда бармеоянд. Оид ба дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот қайд кардан лозим аст, ки асоси онҳоро сарчашмаҳои оморӣ ташкил медиҳанд. Ҳамчунин, муаллиф маълумотҳоро оид ба усулҳо ва воситаҳои идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ таҳқиқ ва баҳодиҳӣ намуда (маълумоти истифодашуда бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ тасдиқ гардидаанд), хулоса ва натиҷагирӣ кардааст. Маҳз ҳамин маълумот ба муаллиф имкон додааст, ки оид ба масъалаҳои такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаҳои воқеӣ ва тавсияҳои илман асоснок таҳия намояд.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи амалиявии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватаниву хориҷиро дар соҳаи назарияи сармоягузорӣ ва роҳҳои ҷалбсозии онҳо эҷодкорона истифода бурдааст.

Дар раванди таҳқиқот муаллиф аз усуслҳои иқтисодӣ-таҳлилӣ васеъ истифода карда, махсусан аз усулҳои таҳлили иқтисодӣ-оморӣ, муқоисавӣ, усулҳои риёзӣ-иқтисодӣ, индуксия, дедуксия, таҳлил ва

синтез, хулосабарорӣ, таҳлили маълумотҳои оморӣ, ифодаёбии график ва ҷадвалҳо истифода намудааст.

Заминаҳои назариявию методологии таҳқиқотро асарҳои олимони ватанӣ, рус ва хориҷӣ оид ба фаъолияти сармоягузорӣ ва мавқеи он дар рушди иқтисоди миллӣ ташкӣл медиҳанд. Ба сифати маводи ибтидоӣ санадҳои меъёрию ҳуқуқии мақомотҳои давлатӣ ва минтақавии ҳокимияти давлатӣ, маводҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ҳисоботи вазорату идораҳои дахлдор, инчунин маводҳои конференсияҳои илмӣ ва амалӣ, монографияҳо, маводҳои нашрияҳои даврӣ, захираҳои иттилоотии «Internet» истифода бурда шуданд.

Дар ҷараёни шиносои бо кор нишон медиҳад, ки муаллиф хеле моҳирона бо адабиёти илмӣ доир ба мавзӯи таҳқиқот кор кардааст, мустақилона далелҳои омориро вобаста ба мақсади таҳқиқот ҷамъ оварда, кокард ва таҳлил намудааст. Диссертатсияи Холиқзода Аҳлиддин Юлдош аз дигар таҳқиқотҳо бо равиши хосаи худ, бо омӯзиши амиқ ва далелҳои мантиқии пешниҳодшуда фарқ мекунад, ки аз сатҳи хуби омодагии муаллиф шаҳодат медиҳад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Унсурҳои навоварии илмии диссертатсия ба таври мантиқӣ роҳҳои расидан ба ҳадафи тадқиқотро ифода мекунанд. Ба сифати муҳимтарин унсурҳои навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии пешниҳодшуда, ба андешаи мо инҳо баромад мекунанд:

– асосҳои назариявӣ ва методологии идоракунии таъмини низоми ҳифзи иҷтимоӣ дар замони муосир аниқ карда шуда, аз тарафи муаллиф шарҳи мафҳуми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ ҳамчун раванди махсуси таъсиррасонии мақсадноки мақомати салоҳиятдори давлат дар равандҳои банақшагирӣ, ташкил, роҳандозӣ ва назорати фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои ҷамъиятии дар ин раванд ба вуҷудоянда шарҳ дода шудааст;

– муаллиф таҷрибаи хориҷии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар шароити бозор муайян гардонида, гурӯҳбандии мамлакатҳоро вобаста

ба татбиқи низоми суғуртаи иҷтимоӣ ва ёрии иҷтимоӣ, хавфҳои иҷтимоӣ ва пардохтҳои иҷтимоӣ дар хориҷи мамлакат асоснок намуда, тамсилаҳои муваффақи идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ муқаррар ва имкониятҳои истифодаи унсурҳои алоҳидаи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аниқ карда шудаанд;

– арзёбии заминаҳои идоракунии институтсионалии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ шуда, масъалаҳои монеашавандаи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар мамлакат аз тарафи муаллиф ошкор гардида, воситаҳои идоракунии институтсионалии ҳифзи иҷтимоӣ дар сатҳи миллӣ, сатҳи соҳавӣ ва сатҳи маҳаллӣ муайян ва асоснок карда шудаанд;

– муаллиф дар асоси таҳқиқ ва омӯзиш ҳолат ва тамоюли инкишофи идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон субъектҳои ҳифзи иҷтимоӣ, институтҳои сохтории он, инфрасохтори институти кумаки иҷтимоиро аниқ, камбудиҳои ташаккул ва идоракунии барномаҳои иҷтимоӣ ва самтҳои асосии ҳифзи иҷтимоиро дақиқ кардааст. Инчунин, ихтилофҳо дар низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолии кишвар дар натиҷаи гузариш аз тамсилаи нақшавии идоракунии иҷтимоӣ ба тамсилаи бозории идоракунии иҷтимоӣ ташаккул ёфта, асоснок шудааст;

– механизми ташкилӣ-иқтисодӣ ва идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таҳия шудааст, ки ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои асосии ҳифзи иҷтимоии аҳолиро дар раванди идоракунии низомҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, пайдарҳамии амалисозии чораҳои идоракунӣ оид ба муқаррасозии гурӯҳҳои осебпазир, вобастакунии онҳо ба сохтори мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ, раванди таҳияи барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва натиҷаҳои интизории аз он ба амалоянда асоснок карда шудааст;

– самтҳои муҳимтарини баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ ва механизми ташкилӣ-иқтисодии он бо дар назардошти ислоҳоти куллӣ дар низоми банақшагирӣ, ҳамоҳангсозӣ ва идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ, мукаммал гардонидани низоми идоракунии институтҳои давлатии ҳифзи ичтимоӣ, беҳтар намудани таъминоти иттилоотии низоми ҳифзи иҷтимоии асоснок карда шуда, инчунин дар тавсияҳои илмию амалӣ оид ба баланд бардоштари таъсири сиёсати ҳифзи иҷтимоӣ ба рушди иқтисодӣ пешниҳод карда шудаанд.

**4. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Тасдиқ менамоем, ки диссертатсияи Холиқзода Аҳлиддин Юлдош дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар заминаи шиносномаҳои ихтисосҳои соҳаи илмҳои иқтисодӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, № 6) аз рӯйи ихтисоси 6D050700-Менеҷмент (6D050704-ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) таҳия шудааст. Навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D050700-Менеҷмент (6D050704 –Менеҷмент) мувофиқат мекунад.

**5. Сохтор, мундариҷаи диссертатсия ва сатҳи асосноккунии дастовардҳои илмӣ.**

Сохтори диссертатсия, гузориши мақсад ва мантиқи алоқамандии онро тасдиқ мекунанд, ки муаллиф масъалаҳои гузоштташударо амиқ дарк намуда, ҷиҳати таҳлили васеи муаммоҳои такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ ва асосҳои назариявию методологиро коркард намудааст.

Диссертатсияи тақризшаванда сохтори пайгирона дошта, дар он бо ҳадаф, вазифаҳо ва мантиқи дохилии тадқиқот муайян карда шудаанд. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашударо фаро мегирад. Матни умумии диссертатсия 174 саҳифаро ташкил дода, дорои 12 расм ва 16 ҷадвал мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи диссертатсия асоснок карда шуда, дараҷаи азхудкунии масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии таҳқиқи масъалаҳои идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар шароити муосир»** (саҳ.17-69) мавриди таҳқиқот қарор дода шуда моҳияти назариявии идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, принсипҳо, усулҳо ва воситаҳои идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ таҳлил зоҳир шудааст. Барои таҳияи асосҳои назариявӣ ва методологии таҳлили идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ хеле муҳим аст, ки дар он менеҷмент ҳамчун фаъолияти марбут ба назорати тақсимот ва ҳаракати захираҳо баррасӣ карда шавад. Диссертант аниқ кардааст, ки идоракунии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тавассути

низоми бисёрҷабҳа ва бисёрсатҳӣ, таъмини кафолатҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро фаро мегирад.

Муаллиф қайд месозад, ки идоракунии иҷтимоӣ фаъолияти мақсадноки мақомоти салоҳиятнок мебошад, ки ба омӯзиши тағйирёбии равандҳои иҷтимоӣ ва таъсиррасонии он ба ҳаёти шахс равона карда шуда, тарҳрезӣ ва амалисозии барномаҳои мувофиқи ҳифзи гурӯҳҳои осебпазири ҷомеаро дар бар мегирад. Дар асоси таҳлили тағйиротҳои идоракунии иҷтимоӣ асоснок шудааст, ки мазмуни равандҳои мазкур аз моҳияти идоракунии иҷтимоӣ ҳамчун таълимот бармеоянд, ки тақсими афзалиятҳоро дар татбиқи манфиатҳои асосии иҷтимоии ҷомеа пешбинӣ мекунад. Ба андешаи муаллиф механизми ҳифзи иҷтимоӣ низоми амалҳои иқтисодии баҳамалоқамандро ифода менамоянд, бо таъсири фишанги ташаккулёфта, раванди идоракунии ҳифзи иҷтимоии табақаҳои осебпазирро таъмин менамоянд ( саҳ.31-32).

Дар диссертатсия принсипҳо, усулҳо ва воситаҳои идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор дода аниқ карда шудааст, ки дар байни принсипҳои ҳифзи иҷтимоӣ принсипҳои суроғавӣ, тафриқавӣ ва маҷмуӣ мавқеи махсус доранд. Усулҳои идоракунии ҳифзи иҷтиморо ҳамчун усулҳои умумии хоси тамоми соҳаҳои менеҷмент дар равандҳои идоракунии иҷтимоӣ асоснок намудааст (саҳ.42-44).

Муаллиф моҳияти таснифоти усулҳои иҷтимоиро аз рӯи вазифаҳои идоракунии иҷтимоӣ асоснок намудааст. Дар диссертатсия муаллиф ба хулосае омадааст, ки идоракунии бахши иҷтимоӣ, ки объекти мураккаб ба ҳисоб меравад, истифодаи муносибати маҷмуиро ба интихоби усулҳои хоҷагидорӣ тақозо мекунад. Чунки масъалаи ҳифзи иҷтимоӣ аз сохтори пешинаи низоми хоҷагидорӣ маншаъ мегирад ва дар муддати кутоҳ татбиқи пурраи принсипҳои бозорӣ ба дараҷае метавонад ба ҳифзи иҷтимоӣ таъсири худро расонда, зарурати истифодаи принсипҳои интегронидашударо тақозо месозад, ки он аз бартариятҳои тамоми принсипҳои ҷойдошта, ташаккул хоҳад ёфт (саҳ.49-51)

Холиқзода Аҳлиддин Юлдош аз натиҷаҳои таҳқиқот ба хулоса меоянд, ки муайянсозии категорияҳои ниёзманд аз рӯи сатҳи камбизоатӣ роҳи дигари муқаррарсозии таъминотӣ башумор равад. Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳлили таҷрибаи хориҷии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар дар замони муосир ошкор карда шудаст, ки новобаста аз умумияти сиёсати иҷтимоӣ дар ҳар як кишвар таъминоти иҷтимоӣ хусусиятҳои хоси худро дорад. Рушди соҳаи иҷтимоӣ ва низоми идоракунии он барои ҳар як кишвар ҷанбаҳои манфӣ ва мусбии худро дорад. Нишондиҳандаи муҳиме, ки дар давлатҳои хориҷӣ самти ҳифзи иҷтимоиро муқаррар

месозад, ин сатҳи имкониятҳои буҷети давлатӣ ба шумор меравад. Бо вуҷуди ин, таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳад, ки тамсилаи аврупоии таъминоти иҷтимоӣ солҳои охир аҳаммияти худро кам намуда, бо мушкилоти идоракунӣ ва норасоии маблағ рӯ ба рӯ мешавад. Ба андешаи мо муаллиф дуруст қайд мекунад, ки аз ин лиҳоз, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи ҷанбаҳои алоҳидаи ҳар як тамсилаи ҷойдошта бо дарназардошти мутобиқ намуданашон ба хусусиятҳои миллӣ тавсия карда мешавад (саҳ.65-67).

**Дар боби дуюм «Таҳлили вазъи муосир ва идоракунии рушди соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон»(саҳ.70-107)** асосҳои институтсионалии идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, вазъи муосир ва тамоюли идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардида, низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Дар зербоби 2.1 муаллиф асоснок намудааст, ки беҳдошти ҳифзи иҷтимоӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ҳалли масъалаҳо мутобиқ кардани воситаҳои ҳифзи иҷтимоиро ба вазифаҳои наве, ки дар соҳаи иҷтимоӣ вобаста ба ҳолати иқтисодиёт ба миён меоянд, тақозо мекунад. Инчунин дарҷ гардидааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, дар ин раванд низоми махсусии идоракунии институтсионалии ҳифзи ичтимоӣ ташаккул ёфтааст. Муаллиф қайд месозад, ки дар ҳоли имрӯз дар низоми ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи нисбатан мукаммали меъёрию ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудааст. Новобаста аз оне, ки маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба низоми суғуртаи иҷтимоӣ як қатор ҳуҷҷатҳои хукукиро дар бар мегирад, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» ва «Дар бораи таъминоти нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар байни онҳо аҳаммияти аввалиндараҷа доранд (саҳ.75-77).

Тибқи арзёбиҳои диссертант дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузориҳо хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолӣ дар се намуд: хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона, дар ҷои истиқомат, хизматрасонии маишӣ дар муассисаҳои статсионарӣ ва хизматрасонии иҷтимоии дорои хусусияти муваққатӣ амалӣ карда мешавад. Муаллиф аниқ ва асоснок намудааст, ки дар низоме, ки дар айни замон, як қатор равандҳо аз қабили хусусияти умумият кашф кардани мушкилоти ҳифзи иҷтимоӣ, афзоиши шумораи шахсони ниёзманд ба ҳифзи иҷтимоӣ, васеъ намудани доираи эхтиёҷот ба ҳифзи иҷтимоӣ ва зарурати махсусгардонии шаклҳои ҳифз ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ, афзоиши эҳтиёҷ ба ҳифзи иҷтимоӣ ва

масъалаи ҷуброни имтиёзҳои иҷтимоӣ ва баҳисобгирии имтиёзгирандагони ҳамаи категорияҳо мушкил боқӣ мемонад (саҳ.70 – 82).

Дар диссертатсия аниқ карда шудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоӣ дар байни вазоратҳои гуногун тақсим ва минбаъд ба сатҳи маҳаллӣ вогузор карда мешавад. Инчунин аз тарафи муаллиф муассисаҳои асосии ҳифзи иҷтимоӣ, субъектҳои ҳифзи иҷтимоӣ, шаклҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва низоми кумаки иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инфрасохтори институти кумаки иҷтимоӣ муайян карда шудаанд (саҳ.84-85). Пешниҳод карда шудааст, ки дар асоси ташкили бисёрҷанбаи ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ имкон дорем мушкилоти дар ин раванди инкишофи ҷомеаи иҷтимоӣ мавҷударо дар ташкили низоми ҳифзи иҷтимоӣ муайян кунем (саҳ.89-90).

Дар асоси таҳлили вазъи муосир ва тамоюлҳои идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф аниқ намудааст, ки новобаста аз рушди мусбии нишондиҳандаҳои муайянкунандаи сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ, масъалаи ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ вобаста ба тафриқаи зиёди сатҳи даромад, байни аҳолӣ ва дастрасӣ ба соҳаи иҷтимоӣ то ҳол ҳалталаб ба шумор меравад. Инчунин дар асоси арзёбии тамоюлҳои раванди идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоӣ муаллиф ба хулосае омадааст, ки барои мукаммал гардонидани низоми ҳифзи аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мешуморем, ки тадбирҳои иловагӣ оид ба баланд бардоштани дастрасии табақаҳои осебпазир ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ, роҳандозӣ карда шавад, то инки имкониятҳои онҳо барои иштирок дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии кишвар боз ҳам фаъолтар гардад (саҳ.103-104).

**Дар боби сеюм «Самтҳои мукаммалгардонии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (саҳ.108–147)** масъалаҳои механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва дастгирии давлатӣ ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии макроиқтисодии идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор гирифтааст.

Аз тарафи муаллиф дуруст дарҷ гардидааст, ки механизми ташкилӣ ва идоракунии низомҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд фарогири принсипҳои асосии беҳдошти вазъи иҷтимоии аҳолӣ ва меъёрҳои асосӣ бошад. Инчунин қайд карда шудааст, ки принсипҳои сиёсати давлат дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бояд бо қонун муқаррар карда шуда, муҳимтарин меъёре, ки ҳатти камбизоатиро

муайян мекунад, сабади ҳадди ақали истеъмолӣ мебошад, ки барои муайян кардани андозаи кумакпулиҳои кафолатноки иҷтимоӣ ва ҳадди ақали музди меҳнат истифода мешавад. Муаллиф асоснок намудааст, ки дар шароити бухрони иқтисодӣ, ҳамчун меъёри муваққатӣ нишондиҳандаҳои дигари ҳадди ақали зиндагиро истифода бурдан мумкин аст ва механизми ташкилӣ-иктисодии ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои асосии ҳифзи иҷтимоии аҳолиро (расми 3.1) коркард ва пешниҳод шудааст (саҳ.111-113). Инчунин он пешниҳод менамояд, ки дар мамлакат бо мақсади фароҳам овардани фазои мусоиди инноватсионию сармоягузорӣ, ҷалби маблағҳои ғайрибуҷетӣ ба низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ пешниҳод карда мешавад, ки дар сохтори мақомоти маҳалии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ шуъбаи кор бо лоиҳаҳо таъсис дода шавад. Ҳамзамон сохтори ташкилию амалкунандаи мавҷуда бояд ба татбиқи барномаҳои мақсаднок, мониторинги низоми ҳифзи иҷтимоӣ ва ҷалби мутахассисони дар раванди қабули қарорҳои идоракунӣ равона карда шавад (саҳ. 118 – 119).

Дар диссертатсия пешниҳод шудааст, ки барои мукаммалгардонии низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати коркарди роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии он пеш меояд. Аз ҷумла роҳҳои пешниҳодшаванда бояд унсурҳоеро дарбар гиранд, ки фаъолияти муассисаҳои ҳифзи иҷтимоиро пурсамар гардонида, пешгирии ҳолатҳои бухрониро ба роҳ монад. Диссертант чунин мешуморад, ки ҳангоми арзёбии самаранокии расонидани кумак ба табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳимоянашавандаи аҳолӣ ва самаранокии сиёсати ҳифзи иҷтимоӣ истифодаи баъзе аз меъёрҳо мувофиқи мақсад мебошанд. Барои ташкили чорабиниҳо оид ба кумак ба қишрҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ ба фароҳам овардан ва нигоҳ доштани фазои боварии мутақобилаи байни мақомот ва шаҳрвандон ҳалли якчанд вазифаҳоро пешниҳод намудааст (саҳ.123-124). Ғайр аз ин барои баланд бардоштани самаранокии ҳифзи иҷтимоӣ муаллиф ҳамоҳангсозии самтҳои сиёсати ҳифзи иҷтимоӣ ба ҳадафҳои рушди устуворро (расми 3.3.) дар ҳудуди малакат муайян, коркард ва пешниҳод намудааст (саҳ.132-133).

Дар зербоби 3.3. диссертант ба маврид қайд месозад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд самти сиёсати беҳдошти ҳифзи иҷтимоиро дар ҳамон шакле таҳия кард, ки аз як тараф ба беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолии ниёзманд таъсир расонида, аз тарафи дигар ба таъмини рушди иқтисодии босубот саҳмгузор бошад. Ғайр аз ин дар ин зербоб нишондиҳандаҳои ифодакунандаи дараҷаи нобаробари тақсимоти даромадҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсири мутақобилаи

маблаггузорӣ ба ҳифзи иҷтимоӣ ва рушди иқтисодӣ дар мамлакат аниқ ва асоснок карда шудааст(саҳ. 139-141).

Дар хулоса пешниҳоду тавсияҳои муаллиф ҷиҳати дар амал татбиқ намудани роҳу усулҳои мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи йфтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд.

**5. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия илман асоснок буда, мазмун ва моҳияти онҳо пурра аз таҳқиқ, таҳлил ва арзёбии масоили дар матни диссертатсия баррасишуда бармеоянд. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро пеш аз ҳама истифодаи дурусти консепсияҳои илмии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ, такя намудан ба сарчашмаҳои назариявӣ ва амалии маълумот оид ба объект ва мавзуи таҳқиқот, истифодаи иттилоот дар бораи воситаҳои идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва вазъи муосири он тасдиқ мекунанд. Инчунин оид ба дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот қайд кардан лозим аст, ки асоси онҳоро сарчашмаҳои оморӣ ташкил медиҳанд. Муаллиф маълумотҳоро оид ба усулҳо ва воситаҳои идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ таҳқиқ ва баҳодиҳӣ намуда (маълумоти истифодашуда бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ тасдиқ гардидаанд), хулоса ва натиҷагирӣ кардааст. Маҳз ҳамин маълумот ба муаллиф имкон додааст, ки оид ба масоили механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаҳои воқеӣ ва тавсияҳои илман асоснок таҳия намояд.

**6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи он**.

Аз таҳлилу баррасии маводи диссертатсияи Холиқзода Аҳлиддин Юлдош натиҷагирӣ намудем, ки таҳқиқоти илмӣ дорои аҳаммияти илмии назаррас буда, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллифи диссертатсия барои мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асосҳои услубӣ ва амалӣ хизмат карда метавонанд.

Ҳамчунин, маводи дар диссертатсия ҷамъоварӣ ва таҳлилу баррасишуда ҳангоми омӯзиши фанҳои таълимии «Менеҷмент», «Менеҷменти иҷтимоӣ», «Иқтисодиёт ва иҷтимоиёти меҳнат » дар донишгоҳо истифода шуда метавонанд. Мавриди зикр аст, ки

муқаррароти асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маъруза ва мақолаҳо дар конфронсҳо, семинарҳои илмӣ ва илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ баррасӣ ва чоп шудаанд.

Муқаррароти асосии илмӣ ва хулосаҳои назариявии кори диссертатсионии тақризшаванда метавонанд барои муайян кардани такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти истифодаи шароитҳо, омилҳо ва принсипҳои таъмини амалисозии сиёсати давлатии ҳифзи иҷтимоӣ истифода шаванд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои ба даст овардашудаи илмӣ аз нигоҳи методӣ, усулҳои таҳия ва коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода кардан мумкин аст. Инчунин хулосаҳо ва муқаррароти илмии дар кор асоснок гардида, метавонад ҳангоми таҳия ва амалисозии барномаҳо, консепсияҳо, аниқу асосноккунии роҳҳои баландбардории самаранокии низоми идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ аҳолии ҷумҳурӣ истифода карда шаванд. Хулосаю пешниҳодҳои диссертатсия метавонанд дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти назоратии давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ истифода карда шудааанд.

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқи диссертатсиониро инъикос намуда, дар он тавсифи умумӣ ва муҳтавои асосии диссертатсия, навгонии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, феҳристи интишороти илмии муаллиф доир ба мавзуи таҳқиқот ҷой дода шудааст.

**7. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия.**

Таҳқиқоти диссертатсионии доктаранти (PhD) дорои арзиши воқеии илмӣ мебошад ва дар баробари ҳалли мсъалаҳои таҳқиқот ва натиҷаҳои ба дастовардашуда баъзе камбудиҳои алоҳида, андешаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд, ба монанди:

1. Дар зербобҳои 1.1. ва 1.2. диссертатсия вобаста ба масъалаи баррасишаванда нуқтаи назари илмии олимони хориҷӣ ва ватанӣ хеле зиёд ба назар мерасанд, аммо оиди эътироф ё назари мунаққидона доштани муаллиф нисбати онҳо ва мавқеи асосноксозии ӯ дида намешавад. Инчунин муаллиф дар кор аз натиҷаҳои илмии олимони

ватании соҳаи таҳқиқи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба таври бояду шояд огоҳӣ надорад ва истифода накардааст.

2. Ба андешаи мо натиҷаҳои таҳқиқот боз ҳам бойтар мегашт агар дар диссертатсия сиёсати давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо назардошти ҳадафҳои Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аниқ гардида, таъмини рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар мамлакат ва минтақаҳои алоҳидаи он асоснок карда мешуд.

3. Дар зербоби 1.3. масъалаи таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ аз тарафи муаллиф хеле хуб мавриди баррасӣ қарор дода шудааст ва бо таври умумӣ истифодаи баъзе аз ин таҷрибаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст. Аммо агар муаллиф бо таври мушаххас истифодаи таҷрибаи яке аз ин давлатҳоро дар Тоҷикистон тавсия менамуд, кор боз илман муҷааз мегардид;

4. Дар диссертатсия масъалаҳои механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ хеле хуб асоснок карда шудаанд. Агар дар кор механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ё роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоиро муаллиф бо пешниҳод намудани ягон модели намунавӣ баррасӣ менамуд сифати кор боз ҳам беҳтар мегардид;

5. Тибқи дастурамал дар охири бобҳои диссертатсия аз тарафи муаллиф хулосабарорӣ карда шудаанд. Бояд қайд созем, ки баъзе аз хулосаҳои зербобҳо таҳрирталаб буда, асосноккунӣ ва коркардро тақозо менамоянд ва онҳо бояд фарогири масъалаи дар ин зербобҳои боб баррасишуда бошанд;

6. Дар зербоби 3.3. масъалаи дастгириҳои давлатӣ ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии макроиқтисодии идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ дар сатҳи хуб таҳлилу таҳқиқ шудааст. Агар дар ин зербоб муаллиф доир ба рушди дастгириҳои давлатии ин бахш пешниҳоду тавсияҳои асоснок пешниҳод менамуд ва он гоҳ натиҷаи таҳқиқот боз ҳам бой мегашт.

### 8. Мувофиқати диссертасия ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ.

Таҳлилу баррасии диссертатсияи Холиқзода Аҳлиддин Юлдош дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D050700-Менеҷмент (6D050704-ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва

комплексҳо), пешниҳод шудааст, таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта ба ҳалли муаммоҳои мукаммалгардонии механизми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ Ҷумҳкрии Тоҷикистон мусоидат менамояд. Хулоса, диссертатсияи тақризшаванда бо масъалагузорӣ, мубрамият, дараҷаи навоварӣ, хулосабарорӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии худ тадқиқоти арзанда ва дорои арзиши баланди илмӣ аст. Кори диссертатсионӣ сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардашудаи муаллиф арзиши илмӣ доранд, ки асосҳои назариявию амалии механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоиро тараққӣ медиҳанд.

Кори диссертатсионии тақризшаванда дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D050700- Менеҷмент (6D050704-ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо), кори анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои бандҳои 31ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ,мебошад, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, таҳти №295(№267 аз 30.06.2021) тасдиқ шудааст. Бинобар ин арзанда аст,ки ба муаллифи он Холиқзода Аҳлиддин Юлдош дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D050700- Менеҷмент (6D050704-ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) дода шавад.

**Муқарризи расмӣ:**
**Профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи славянин Русия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ , профессор, академики Академияи байналхалқии илми мактабҳои олӣ** **Комилов С.Ҷ.**

**Имзои профессор Комилов С.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳои ДСРТ** **Раҳимов А.А.**
**«21» 05 соли 2025**

**Суроға: Доиишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон**
**734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,**
**кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30**
**E-mail: sirodj1950@mail.ru, sirodj.tj@mail.ru**
**Тел: +992 917505401**
**«21» 05 соли 2025**